«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
н.и.т. Ибодзода З.Ҳ.
аз «__» ________ 2021, № 3

НИЗОМНОМА
ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБДОРӢ ДАР КИТОБХОНАИ
МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

ДУШАНБЕ-2021

Низомномаи мазкур асоси ҳуқуқии ташкил, ҳизф ва рушти фаъолияти китобдориро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба татбиқи амалии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони воқеъи ва ҳуқуқӣ дар мавридҳои ҷустуҷӯ ва дарёфти иттилоот, истифодаи китобхона барои дастрасии озодона ба комъёбиҳои илмӣ ва фарҳангии ҷаҳонию миллӣ танзим менамояд ( ҚҶТ аз 31.12.2008, № 479).

Китобхонаи донишкада қисмати асосии сохтори МТҒ “ Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон” буда, он раванди фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва татқиқотҳои илмии донишҷӯён, шунавондагон, унвонҷӯён, докторони фалсафа ( PhD) доктор аз рӯи ихтисос, доктори ҳабилитат ва докторантонро бо адабиёт ва иттилоот таъмин намуда, ҳамчунин маркази паҳн намудани дониш, муоширати маънавию зеҳнӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мегардад.

Хизматрасонии асосии китобдорӣ ба хонандагон ба тариқи ройгон расонида мешавад. Хизматрасонии иловагӣ тибқи номгӯ ва нархномаҳои амалкунанда пешниҳодшаванда расонида мешавад.

Ҳуқуқи истифода аз китобхонаи донишкада ба ҳамаи кормандон пешниҳод карда мешавад. Кормандони ташкилотҳои ғайриҳуқуқи ҳуқуқи истифода аз китобхонаро танҳо дар доираи қироатхона доранд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

Китобхонаи донишкада - муассисаи иттилоотӣ, фарҳангӣ ва омӯзишии дорои фонди муташаккили ҳуҷҷатҳо, ки онҳоро барои истифодаи муваққати ба ихтиёри истифодабарандагон гузошта, инчунин хизматрасониҳои дигари китобдориро ба анҷом мерасонад.

-истифодабарандаи китобхона – шахси воқеъи ё ҳуқуқие мебошад, ки аз хизматрасонии китобхона истифода мебарад.

-муассиси китобхона метавонад шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошад. ( ҚҶТ аз 22.07.соли 2013, №1008)

-фонди китобхона – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дорои мундариҷа,таъинот ва моҳияти гуногун, ки ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, коркард, феҳристнигорӣ, ҳифз ва истифодаашон бо мақсади хизматрасонии китобдорӣ ҳатмӣ мебошад.

-китобҳои нодир ин китобҳои дастнавис, литографӣ ва чопие мебошанд, ки дорои баланди арзиши маънавию модди буда, аҳамияти хоси таърихи, илмӣ, фарҳангӣ доранд ва нисбат ба онҳо реҷаи махсуси ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, коркард, феҳристнигорӣ, ҳизф ва истифода муқаррар шудааст ( ҚҶТ аз 22.07. соли 2013, №1008).

## 2. Ҳуқуқи истифодабарандагони китобхона

Истифодабарандагони китобхона ҳуқуқ доранд ба таври ройгон тавассути кор кардан дар китобхона бо феҳрестҳо оид ба мавҷудияти ҳуҷҷатҳои мушаххас дар фонди китобхона иттилоот ба даст орад.

Истифодабарандагон ҳуқуқ доранд:

-бо пешниҳоди ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунад, истифодабарандаи китобхона гарданд;
- ба таври ройгон тавассути низоми маълумотию библиографии хизматрасонии китобдори доир ба фонди китобхона иттилооти пурра ба даст оваранд;
- ба таври ройгон ҷиҳати ҷустуҷӯ ва интихоби манъбаҳои иттилоот ёрии машварати гиранд;
- ба таври ройгон ё бо музд аз фонди китобхона ба мухлати тибқи қоидаҳои истифодаи китобхона муқарраргардида, барои истифодаи муваққати ҳама гуна ҳуҷҷатҳоро дастрас намояд;
- аз дигар навъҳои хизматрасони, аз ҷумла хизматрасониҳои музднок, ки номгӯи онҳо аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, истифода баранд.
Истифодабарандаи китобхона дар ҳолати аз ҷониби корманди расмии китобхона маҳдуд кардани ҳуқуқҳояш ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.
Истифодабарандагони китобхона, вобаста ба талабот ва шавқу рағбати худ, аз ҳуқуқи интихоби озодонаи китобхона бархӯрдоранд. ( ҚҶТ аз 27.07.13с №1008)

**3.Ҷавобгарии истифодабарандагони китобхона**

Истифодабарандагони китобхона вазифадоранд, ки қоидаҳои истифодаи китобхонаро риоя намоянд.

-истифодабарандагоне, ки қоидаҳои истифодаи китобхонаро риоя накарда, ба китобхона зарар мерасонанд, онро дар ҳаҷми тибқи қоидаҳои истифодаи китобхона муайяннамуда ҷуброн карда, инчунин дар ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ба ҷавобгари кашида мешаванд. ( ҚҶТ аз 22.07.2013с №1008)

**4. Муассиси китобхона**

Муассиси китобхона фаъолияти онро маблағгузори карда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти онро назорат менамояд ва инчунин роҳбари китобхонаро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

**5. Ҳуқуқҳои китобхона**

Китобхона ҳуқуқ дорад:

-ҳангоми пешниҳод намудани нашрияҳои нодир ва арзишнок, инчунин дигар ҳолатҳои дар муқаррароти қоидаҳои истифодабарии китобхона дарҷгардида маблағи кафолатро муайян намоянд;

-мутобиқи муқаррароти қоидаҳои истифодаи китобхона намудҳо ва андозаҳои ҷуброни зарари аз ҷониби истифодабарандагони китобхона расонидашударо муайян намоянд;

-ба мақсади васеъ намудани номгӯи хизматрасонии истифодабарандагони китобхона ва рушди иҷтимоию эҷодии китобхона, дигар хизматрасониро анҷом диҳад, ба шарте, ки ба фаъолияти асосии он зарар нарасонад;

-дар асоси шартнома бо шахсони ҳуқуқи ва воқеи шартҳои истифодабарии фондҳои китобхонаро муайян намояд;

-барои шаҳрвандон хизматрасонии муздноки китобдори ташкил намоянд;

-дар мувофиқа бо муассис истифодаи фондҳои китобхонаро аз тариқи иҷора ба роҳ монанд;

-мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои китобдориро таъсис диҳанд;

-дар асоси озмун ва дигар асосҳо барои амали гардонидани барномаҳои давлати ва минтақавии рушди фаъолияти китобдори,дар таҳияи стандартҳо ва меъёрҳои китобдори иштирок намоянд; ( ҚҶТ аз 31.12.08с №479),

-тибқи тартиботи муқарраршуда ҳамкориро бо китобхонаҳо ва дигар идораю муассисаҳои давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумъла ба роҳ мондани табодули байналмилалии китобҳо, мувофиқи тартиби муайянгардида ба ҳайати ташкилотҳои байналмилали шомил гардида, барои амали гардонидани барномаҳои байналмилалии китобдори ва дигар барномаҳо ширкат варзанд; ( ҚҶТ аз 31.12.08с №479),

-мустақилона манъбаҳои пургардонии фондҳои худро муайян намоянд;

-тибқи тартиби хориҷкунии ҳуҷҷатҳо, ки бо муассиси китобхона мувофиқа карда мешавад ва инчунин мутобиқи саналҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳоро аз фондҳои худ бароварда, дар мувофиқа бо муассис ба фурӯши музоядавӣ гузоранд. Дар айни замон, китобхона сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва шаклҳои моликият ҳуқуқ надоранд ҳуҷҷатҳои ба объектҳои меросӣ таърихию фарҳанги таалуқдоштаро, ки низоми ҳифз ва истифодабарии онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, аз ҳисоб бароварда ба фурӯш расонанд; ( ҚҶТ аз 22.07.13с №1008),

-ба шабакаҳои гуногуни иттилооти, аз ҷумъла умумиҷаҳонӣ, пайваст шаванд ва сомона ( сайт)- ҳои электронии худро кушоянд. ( ҚҶТ аз 29.12.10с №679)

Китобхона дар харидори кардани ҳуҷҷатҳое, ки тибқи барномаҳои давлатии чопӣ китобҳо интишор мегардад, инчунин дар навбати аввал харидори кардани асноди китобхонаи барҳам додашуда ҳуқуқи бартариятнок доранд;

## 6. Ухдадориҳои китобхона

Дар фаъолияти худ китобхона баамалбарории ҳуқуқҳои шаҳрвандонро, ки низомномаи мазкур муқаррар намудааст, таъмин менамояд. Китобхона ба истифодабарандагон тибқи оинномаҳои худ, қоидаҳои истифодабарии китобхонаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мерасонад.

Китобхона ухдадоранд, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои таъсисиашон дар назди муассиси худ ва мақомоти давлатии омор ҳисобот диҳанд.
Китобхона ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ, коркард, феҳрестнигорӣ, ҳизф ва истифодаи ҳуҷҷатҳоеро, ки ба таркиби фондҳояшон дохиланд, таъмин менамоянд.

Китобхона тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар ӯҳдадориҳоро низ амалӣ намоянд. ( ҚҶТ аз 22.07.13с №1008)

**7. Мақоми китобхона**

Мақоми китобхона аз тарафи муассиси он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**8.Фаъолияти ҳуқуқ ва ухдадориҳои мудири китобхона**

Фаъолияти мудири китобхона дар асоси ҳалли масоили зерин сурат мегирад:

-хизматрасонии гуногуни хонандагонро дар қироатхонаҳо, нуқтаҳои абонементӣ ва китобдиҳӣ, бо истифода аз методи хизматрасонии фардӣ ва гурӯҳӣ ташкил мекунад.

-хонандагонро бо хизматрасонии асосии ройгони китобдорӣ таъмин мекунад. Бо мутахассисон мутобиқи номгӯ ва арзишномаҳои амалкунанда хизматрасонии иловагии пулакӣ пешниҳод мекунад. Ба корхонаҳои хурди давлатӣ, ширкатҳо ва дигар ташкилотҳое, ки дар назди муассисаи таълимӣ фаъолият мекунанд, хизматрасонии китобдорӣ ва иттилоотиро ташкил менамояд. Барои интихоби озоди шакли хизматрасонӣ ва нашрияҳои зарурӣ шароит фароҳам меорад;

-истифодаи байниҳамдигарии фондҳои китобдориро ба василаи агентии байналмилалии китобхонаҳо (АБК) ва мубодилаи китоб татбиқ менамояд;

-бо мақсади расонидани кӯмаки илмӣ ва фаъолияти таълимӣ феҳристи китобшиносӣ ва роҳномаҳо тартиб медиҳад;

-маълумотдиҳии мавзӯӣ, нишонӣ ва дигар навъҳои китобшиносиро ба иҷро мерасонад ва китобҳои навро муаррифӣ менамояд;

-малакаи ҷустуҷӯ ва истифода бурдани иттилоотро дар ҷараёни таълим ва кори илмӣ, маҳорати сайтгириро дар низоми маълумотию китобшиносии китобхона, ҳамчунин истифода аз захираҳои системаҳои иттилооти илмию техники (ИИТ)-ро меомӯзонад. Барои донишҷӯён,шунавандагон ва омӯзгорон доир ба асосҳои иттилоот ва фарҳанги иттилоотӣ истифодабарии китобҳо машғулиятҳо ташкил мекунад;

-дар мутобиқат бо нақшаи таълимӣ, барномаҳо ва мавзӯъҳои тадқиқотии илмӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар китобхонаҳои минтақа мустаҳкамкунии захираи асосии китобхонаро таъмин менамояд.

Адабиёти илмӣ, таълимӣ, даврагӣ, маълумотдиҳӣ, бадеӣ ва дигар намуди нашрияҳоро харидорӣ мекунад. Мустақилона манбаъҳои зиёд намудани захираи асосии китобхонаро муайян месозад. Бо китобхонаҳои дигар муассисаҳо ва ташкилотҳои мамолики хориҷӣ мубодилаи китобро татбиқ мекунад;

-бо тартиби муқарраргардида аз захираи асосии китобхона ба аҳолӣ фурӯхтани китоб ва дигар асарҳои нашриро, ки бо теъдоди зиёд нашр мегарданд ташкил мекунад;

-нашри захираҳои ёрирасон, маводҳои ба нашр нарасида ва нусхаи онҳо, маводҳои намоишӣ ва суратаснодро ташкил намуда, баҳисобгирии онҳоро таъмин менамояд;

-ҷо ба ҷо гузоштани фонди захиравии китобҳо ва ҳифз намудани онҳо, реҷаи нигоҳдорӣ, тармим ва аз истифода боздоштан, нусхабардорӣ ва ба микронаворгириро татбиқ мекунад;

-ба хонандагон дастрасиро нисбат ба захираҳои иттилоотӣ таъмин менамояд;

-навоварӣ, технологияи пешқадами китобдорӣ, натиҷаи корҳои илмию тадқиқотиро ба танзим медарорад. Бо мақсади омӯхтани шавқу рағбати хонандагон ва тадқиқи истифодабарии захираҳо тадқиқоти сотсиологӣ мегузаронад;

-системаи баланд бардоштани тахассуси кормандони китобхонаро бо мақсади маҳорати касбӣ, дониши компютерӣ бо истифода аз шаклҳои гуногун (озмунҳои бозиҳои кордонӣ, ҳалли вазъиятҳои истеҳсолӣ) ташкил мекунад.

-дар робитаи зич бо кафедраҳо, ҷамъиятҳои илмӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кор карда, фаъолиятро бо китобхонаҳо ва мақомотҳои иттилоотию илмию техникӣ, ҳамчунин дар асоси шартнома бо дигар ташкилот ва муассисаҳо ҳамоҳанг месозад;

-фаъолияти хоҷагидориву иқтисодиро дар асоси ваколатҳои мавҷуда ба роҳ монда, унсурҳои ҳисоби хоҷагиро (ҳавасмандсозии меҳнат, бастани шартномаҳо бо корхона ва ташкилотҳо дар бобати расонидани хизматрасонии китобдорӣ ва иттилоотӣ) татбиқ менамояд.

Мудири китобхона ҳуқуқ дорад, ки:

-ба муассиса ва ташкилотҳои дигар дар самти саҳмгирии бевосита дар кори конференсияҳои илмӣ, машваратӣ ва семинарҳо доир ба масъалаҳои фаъолияти китобдорӣ ва иттилоотию китобшиносӣ муассисаи таълимиро пешниҳод намояд;

-бо нақшаҳои таълимӣ, барнома ва мавзӯъҳои КИТ-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шинос шавад;

-аз қисматҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавод ва маълумотҳое, ки барои ҳалли вазифаҳои дар пеши он гузошташуда заруранд, талаб намояд;

-бо тартиби муқарраргардида ба дигар китобхонаҳо ва ташкилотҳо доду гирифтро ба роҳ монад;

-маблағҳои ба китобхона воридгардидаро тибқи қонунҳои амалкунанда сарф намояд;

-сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кориро таҳия кунад;
-дар мутобиқат бо қоидаҳои истифодабарии китобхона маблағи гарав, намуд ва ҳаҷми ҷубронпулии аз ҷониби хонандагон расонидашударо муайян кунад;
-дар асоси шартнома бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шартҳои истифодабарии фонди китобхонаро муайян кунад;.
-дар озмунҳои байналмилалӣ ва барномаҳои минтақавии тараққиёти кори китобдорӣ ширкат варзад.
Китобхона ӯҳдадор аст:
-дар фаъолияти сиёсии худ дар муносибат ба аҳзоб ҳаракатҳои ҷамъиятӣ бетарафиро риоя намуда, принсипҳои башардӯстӣ, чандгароии (плюрализми) сиёсиву ғоявиро ба инобат гирад;
-хонандагонро дар хусуси ҳамаи намудҳои хадамоти аз ҷониби китобхона пешниҳодшаванда огоҳ намояд;
-хонандагонро ба истифодабарӣ аз ҳамаи фондҳои китобхона таъмин кунад;
-фондҳои худ ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инкишоф додан ва ҳавасманд намудани рағбат ба китобро тарғиб намояд;
-хизматрасонии китобдорӣ ва иттилоотию китобшиносии хонандагон, компютерикунонӣ ва технологияи пешқадамро татбиқ намояд;
-ба хонандагон кӯмак дар интихоби асарҳо ва дигар навъи маводҳо ба тариқи бурдани машваратҳои даҳонӣ кӯмак расонад
-истифодаи феҳристҳо, варақаҳо ва дигар шаклҳои иттилоотдиҳиро пениҳод намояд;
-намоиши китобҳо, обзорҳои библиогрофӣ, конференсияҳо ва маълумотҳои китобшиносӣ, рӯзҳои иттилоотӣ ва дигар чорабиниҳоро ташкил кунад;
-баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии китобҳои дар фонд мавҷудбуда, дигар асарҳои нашрӣ ва маводҳоро ба роҳ монда, назорат кунад;
-барои хонандагон шароити мусоид фароҳам оварад.
-кормандони китобхона барои ҳифзи фондҳо ва барои зиёни ба фонд ва моликияти китобхона расонда масъулият ба дӯш доранд.
-шартномаҳои меҳнатии кормандони китобхона бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба танзим гирифта мешавад.
-кормандони китобхона бо тартибе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

## 9. Роҳбарӣ, сохтору воҳидҳои корӣ, таъминоти моддию техникӣ

Роҳбарии китобхонаро мудири он, ки ба ректори донишкада итоат мекунад, татбиқ менамояд. Мудири китобхона барои натиҷаи корҳо дар доираи ваколатҳои худ масъулияти пурра ба дӯш дошта, амру фармоишҳое медиҳад, ки барои ҳамаи кормандон ҳатмӣ мебошад.

Кормандони китобхона бо роҳи бастани шартнома ба кор қабул карда мешаванд.

-дар китобхона бо мақсади инкишоф додани худидоракунии касбӣ, огоҳёбии кормандон дар бораи фаъолият ва имкониятҳои китобхона, ҳамчунин барои инкишоф додани хизматрасонии китобдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва касбии китобдорон шӯроҳои ҷамъиятӣ- китобдорӣ, методӣ, шӯрои мудирият, шӯрои мутахассисони ҷавон ва ғ. ташкил карда мешавад.

-китобхона дар назди хонандагон ба тарзи системавӣ ҷаласаҳои ҳисоботӣ мегузаронад.

-хароҷот барои дастгирии кори китобхона дар нақшаи умумии хароҷоти донишкада нақшабандӣ карда мешавад.

-роҳбарияти донишкада китобхонаро дар мутобиқат ба меъёрҳои амалкунанда бо биноҳои ободу муҷаҳҳаз, техникаи электронию ҳисоббарор ва нусхабардорӣ ва ғайра таъмин менамояд.

-китобхона бо тартиботи муқарраргардида ҳисоботу нақшаҳоро ба ҷаласаҳои Раёсат ва Шӯрои олимон пешниҳод менамояд.

## 10. Қоидаҳои истифодабарӣ бо абонемент

Хизматрасонии хонандагон дар ҳамаи нуқтаҳои китобдиҳӣ танҳо бо пешниҳоди билети хонандагӣ амалӣ карда мешаванд. Донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона адабиётро бо пешниҳод намудани дафтарчаи имтиҳониашон мегиранд.

-мӯҳлати истифодабарии адабиёт:

-адабиёти илмӣ ба мӯҳлати 2 ҳафта то 155 нусха ба ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон, ба донишҷӯён то 10 нусха ва ба дигар дараҷаи хонандагон то 5 нусха;

-адабиёти таълимӣ барои семестр ё соли таҳсил ба микдоре, ки дар мутобиқат ба нақша ва барномаи таълимӣ муайян карда шудааст;

-адабиёти бадеӣ ба микдори на зиёда аз 3 нусха ба мӯҳлати 15 рӯз;

- нашрияҳои ҷорӣ ба мӯҳлати 1 ҳафта;

-адабиёти талаботашон баланд ба мӯҳлати 3 рӯз.

-хонандагон метавонанд мӯҳлати истифодабарии китобҳо, дигар асарҳои нашрӣ ва маводҳои ба хона гирифтаашонро тамдид кунанд (агар аз ҷониби дигар хонандагон ба онҳо талабот набошад). Адабиёт барои истифодабарӣ дар машғулиятҳои гурӯҳӣ ба абонемент тибқи забонхат дар асоси билети хонандагии донишҷӯи навбатдор дода мешавад.

-адабиёти талаботаш баланд ё дар асоси маблағҳои тиҷоратӣ гирифташуда ба мӯҳлати аз 1 то 7 рӯз мутобиқи «Номгӯи хизматрасонии пардохтшавандаи китобхона» бо шохисбанди (индексатсияи) арзиши вобаста аз мӯҳлати истифодабарӣ дода мешавад.

-донишҷӯёни шӯъбаҳои ғоибона ва беруна адабиётро дар асоси гарави пулӣ бо иҷозати раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гирифта метавонанд.

## 11.Тартиби ба қайд гирифтани хонандагон ба китобхона

Ба қайд гирифтани хонанда ба китобхона дар абонементи адабиёти таълимӣ тибқи пешниҳод намудани шиносномаи шахсият амалӣ карда мешавад. Барои донишҷӯёни курсҳои аввал баргаҳҳои хонандагӣ дар асоси фармонҳои ректор оид ба қабули донишҷӯён пур карда мешавад.

-дар ин асос бо онҳо билети хонандагии ягона дода шуда, баргаҳои хонандагӣ пур карда мешавад.

-ҳангоми ба қайд гирифтан ба китобхона хонандагон бояд бо қоидаҳои истифодабарӣ шинос шаванд ва ӯҳдадориҳои худро дар хусуси иҷрои онҳо бо имзои худ дар билети донишҷӯӣ ва баргаи хонандагӣ тасдиқ намоянд.

-хизматрасонии хонандагон дар тамоми нуқтаҳои китобдиҳӣ танҳо бо пешниҳоди билети хонандагӣ амалӣ карда мешавад.

-қайди хонандагон дар ҳамаи нуқтаҳои боқимондаи китобдиҳӣ дар асоси билети хонандагӣ амалӣ карда мешавад.

## 12.Ҳимояи иҷтимоии кормандони китобхона

Ҳифзи иҷтимоии кормандони китобхона тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

## 13.Ҳуқуқ барои ҳамкориҳои байналмилалӣ

Китобхона мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалии соҳаи фаъолияти китобдорӣ, библиографӣ, иттилоотонӣ ширкат варзида, оид ба масъалаҳои марбут ба китобхона дар ҷаласа ва конференсияҳои байналмилали иштирок менамояд.

Китобхона ҳуқуқ дорад ба таркиби созмонҳои фарҳангии байналмилали шомил гардида, дар татбиқи барномаҳои байналмилалии китобдорӣ ва дигар барномаҳо ширкат намояд.

## 14.Ҷавобгари барои риоя накардани низомнома мазкур

Шахсони вокеъи ва ҳуқуқӣ, ки муқаррароти низомномаи мазкурро риоя намекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари кашида мешаванд.

Низомнома дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада «27» октябри соли 2021 (суратҷаласаи №3/5-1) баррасӣ шуда, маъқул дониста шудааст.